*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146. E-mail: Olimov-1976@mail.ru, www.tajagroun.tj*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он» (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.**

Омӯзиш ва таҳқиқоти зиёд ҷиҳати ташаккул ва рушди шаҳр амалӣ шуда истодааст, ки ҳавасмандии одамонро барои кору зиндагӣ дар он афзун менамояд. Мутаассифона, дар ин марҳила барои ҳалли мушкилоти аҳолии деҳот ва шароити хуби зисту фаъолият барои онҳо таҳқиқоти назаррасе ба анҷом расонида нашуда аз назари муҳаққиқон, сиёсатмадорон, соҳибкорон ва бахши донишҳои ба он мувофиқи иқтисодӣ, ки дар айни ҳол босуръат рушд карда истодаанд, андаке ҳам бошад, дур мондааст. Ин маънои онро дорад, ки нақши деҳот, хусусан инфрасохтори иҷтимоӣ ва мавқеи он дар ҳаёти ҷомеа ва давлат ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта ва таҳқиқ нашудааст. Ин ҳолат метавонад боиси баҳисобгирии нодуруст ва сатҳи рушди сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии на танҳо деҳот, балки ба ҷомеа низ таъсири манфӣ расонад. Гуфтаҳои болозикр далолат аз муҳимияти мавзуи диссертатсионии мазкур мебошад.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки табиати иқтисодии инсон маҳз аз ниёзҳои худ оғоз мешавад, ки барои қонеъ кардани онҳо, ӯ ба муносибатҳои мухталифи иҷтимоӣ ва ҳамкориҳо шурӯъ мекунад. Бо назардошти таснифоти вуҷуддоштаи олимон оид ба масъалаи таҳқиқшаванда ва аз нуқтаи назари вазифаҳои гузошташуда довталаб, таснифҳои амиқ ва мукаммалгаштаи ҷузъҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, чуноне ки дар расми 1 оварда шудааст, диққатҷалбкунанда мебошад.

Ҳамзамон, муаллиф бо истифодаи маълумоти оморӣ рушди соҳаҳои мухталиф ва таъсири онҳо ба сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ва ҷумҳуриро таҳлил намуда, барои дар оянда ноил гаштан ба сатҳи баландтари зиндагӣ мулоҳизаҳо овардааст, ки саҳми арзанда гузошта метавонад.

Қайд кардан бамаврид аст, дар баробари муайян намудани сатҳи рушди соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ, самаранокии онро низ муайян намудан зарур аст, ки дар оянда барои таъмини устувории фаъолияти

объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ саҳмгузор шуда метавонанд. Дар автореферати диссертатсия муаллиф услуби муайянкунии самаранокии соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоиро, ки нишондиҳандаи муайянкунандаи самаранокӣ бо ченаки балл (яъне аз 0 то 10), ки дар ҷадвали 11 пешниҳод шудааст, илман асоснок буда, ҷолиби диққат мешуморем.

Дар баробари ин, автореферати диссертатсия дорои баъзе камбудиву норасоиҳо мебошад. Агар муаллиф, корҳои анҷомдодашударо ҷиҳати таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз ҷониби ҳукумати кишвар ва самаранокии онро дар оянда таҳлилу муайян менамуд, қимати илмии автореферати диссертатсия бозҳам баландтар мегашт.

Ҳамзамон, камбудии зикргардида, қимати назариявӣ ва амалии автореферати диссертатсияи мазкурро коҳиш намедиҳад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он» (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ хулоса карда мешавад, ки Исматуллозода С.И. сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯйи ихтисоси 6D050605 - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва
идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории
ИИД АМИТ, д.и.и., дотсент, Шарифзода Б.М.
17.03.2026

Имзои д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М.- ро тасдиқ менамоям.

Инспекори калон оид
ба кадрҳои Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Махсутшоева З.Д.

Маълумот барои тамос: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А, Тел: (992) 907786568 , E-mail:b_sharipov@mail.ru